# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Набиева Меҳрангез Назаровна таҳти унвони «Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик**

Дар таърихи илм ҳамвора ба падидаҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки зуҳури шахсиятҳои фавқулода боиси дигаргуниҳои куллӣ мегарданд. Чунин ашхос дар таърихи илм кам андар каманд. Бешубҳа, академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ намунаи барҷастае аз ин падида аст. Доираи пажӯҳишҳои ӯ хеле густарда буда, масъалаҳои гуногуни нақди адабӣ, адабиётшиносӣ, таърих, забоншиносӣ ва фарҳангро фоpo мегирад. Ба ин сабаб раванди ташаккул ва такомули адабиётшиносии муосири тоҷик бо фаъолияти илмии ӯ пайванди мустақим дорад. Мурочиат ба осори илмии академик Шакурӣ, ки ҳанӯз мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор нагирифтааст, ба раванди ҳифзи анъанаҳои илмӣ дар ин соҳа вусъат бахшида, ба густариши бештари илми адабиётшиносии муосири тоҷикӣ мусоидат хоҳад кард.

Аҳамияти рисолаи Набиева Меҳрангез Назаровна таҳти унвони «Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» дар он зоҳир мегардад, ки нахустин маротиба фаъолияти густарда ва пурсамари академик Шакурӣ дар соҳаи адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ мавриди таҳқиқи монографӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дуруст таъкид меварзад, ки корномаи илмии ин олими пуркор муҳимтарин масъалаҳои адабиётшиносии тоҷики садаи XX ва ибтидои садаи XXI-ро дар бар гирифтааст. Масъалаи пайванди анъанаҳои адабиёти муосири тоҷик бо суннатҳои куҳани адабиёти порсии тоҷикӣ, адабиётшиносии муқоисавӣ, робитаҳои адабӣ, роҳу равишҳои нави пажӯҳишҳои адабӣ, зарурати таҷдиди назар дар таҳқиқи адабиёти даврони шуравӣ, таваҷҷуҳ ба сабки ҳунарии насри муосир, вежагиҳои сабкии фардии нависандагон, ва матолиби дигар аз ҷумлаи мавзӯъҳое ҳастанд, ки муаллифи рисола бо истифодаи дурусту огоҳона аз равишҳои илмии муосир онҳоро мавриди пажӯҳиш қарор дода, ба хулосаҳои судманде даст ёфтааст. Ҳамон гуна, ки диссертант таъкид мекунад: « Чунин тарзи фарогири таҳқиқ имкон медиҳад, ки дастовардҳои ин донишманди мумтоз дар соҳаи илму фарҳанги давраи нави тоҷик комилан ошкор гардида, вижагиҳои мактаби адабиётшиносии ӯ муайян карда шавад» (саҳ. 5). Воқеан, омӯзиши мероси илмии академик Шакурӣ ба рушди минбаъдаи адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ мусоидат хоҳад кард. Аз баррасиҳои Набиева М. Н. чунин бармеояд, ки дидгоҳҳои илмии академик

Шакурӣ ҳамчун як назарияи мутаҳаввил ҳамвора арзишманд хоҳанд буд ва ҳузури симои илмии ӯ ҳамчун ширкаткунандаи воқеии раванди нақди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷик дар муҳити илмии кишвар боқӣ хоҳад монд.

Муаллифи рисола вазифаҳои дар назди хеш гузоштаро ба хубӣ ҳаллу фасл намудааст. Диссертатсия ӯ таҳқиқи анҷомёфтаи илмӣ буда, пажӯҳиши нав ва судманде дар адабиётшиносии тоҷик мебошад. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаи чопшудаи диссертант мухтавои рисоларо инъикос менамоянд.

Дар натиҷаи мутолиаи автореферат мо ба хулоса омадем, ки диссертатсияи Набиева М. Н. дар мавзӯи «Муҳаммадҷони Шакурии Бухорӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» ба талаботи меъёрҳои таълифи рисолаҳои илмӣ, ки Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - «Адабиёти тоҷик» мебошад.

доктори илмҳои филологӣ, директори
Китобхонаи маркazии илмии АМИТ,
Сӯфиев Шодимаҳмад Зикриёевич

Имзои Сӯфиев Шодимаҳмад
Зикриёевичро тасдиқ мекунам:

Нозири кадрҳои Китобхонаи марказии
илмии АМИТ Мусавирова Ш.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе: Хиёбони Рӯдакӣ 33
E-mail: sufizadeh@gmail.com
Тел: +992907701111